Аз паи мактубҳо ба «Овози тоҷик»

# Ҳар шом, ки ояд зи паи он саҳаре ҳаст

***«Оядаи фарзандони мо чӣ мешавад?» бо чунин ном чанде пеш ба унвони идораи рӯзномаамон аз маҳаллаи Оққишлоқи ширкати хоҷагии ба номи Усмон Юсуфови ноҳияи Деҳқонобод мактуби шикоятӣ расида буд.***

Дар мактуб вазъи ҳозираи мактаби рақами 81 ба номи Ҳабиб Юсуфӣ, бад будани шароити таълиму тарбия, набудани китобҳои дарсиву асбобҳои аёнӣ дар натиҷаи тороҷ гардидани масолеҳи сохтмон сари вақт таъмир нагардидани мактабе, ки дар асари зилзила осеб дидааст, нақл карда мешавад. Мо барои ба ин масъала рӯшанӣ андохтан ба мактаб, ки дар маҳаллаи Оққишлоқи ширкати хоҷагию кооперативии ба номи Усмон Юсуфови ноҳияи Деҳқонобод ҷойгир аст, сафар намудем.

Мактаб соли 1989 сохта шудааст. Соли гузашта (3 - март) дар ин ҳудуд зилзила ба амал омад ва ба як қатор хонаҳои истиқоматӣ зарар расонид. Мактаби мазкур ҳам аз он тахминан 8 - 9 миллион сӯм зарар дид. Ҳоло 160 нафар хонандагони мактаб дар хонаҳои мардум таҳсил мегиранд.

— Мувофиқи қарори (124/5) ҳокими вилояти Қашқадарё, ки он 15 марти соли 2002 қабул гардидааст, барои аз нав таъмир намудани мактаб 26 миллион сӯм маблағ ҷудо карда шудааст. Корхонаи «Капиталқурулиш» - и вилояти Қашқадарё тармими мактабро ба зиммаи ширкати махсуси бунёдкории «Равшан» месупорад ва ширкат даставвал бо 6 миллиони он таъмири мактабро оғоз намуд. Баъди чанде бунёдкорон «маблағ нест» гуфта, мактабро ба ҳоли худаш вогузоштанд. Бинокорони ширкат ҳоло маоши худро нагирифтаанд, ки он 1 миллиону 600 ҳазор сӯмро ташкил медиҳад. Ба муроҷиати маъмурияти мактаб, шӯъбаи маорифи халқи ноҳия, падару модарон бинокорон «пул нест» - гӯён ҷавоб медиҳанд, — гуфт зимни сӯҳбат бо мо директори мактаб Бердиёр Раҳматов.

Сухани хона ба бозор намеяд рост, мегӯянд. Мувофиқи ваъда таъмири мактаб бояд то ҷашни 11 - солагии истиқлоли кишвар анҷом меёфт. Барои далел аз мақолаи бо номи «Баҳри ворисони Ватан», ки дар саҳифаи рӯзномаи «Деҳқонобод овози» бо имзои директори мактаб чоп шудааст, пораеро меорем:

«Дар кори таъмиру навсозии бинои мактаб ширкати махсусу бунёдкории «Равшан» бо мо ҳамкорӣ дорад. Ҳама маблағе, ки дар кори азнавсозиву таъмиргардонии мактаби мазкур харҷ гаштааст, 15 млн. сӯмро ташкил медиҳад. Рӯзҳое, наздик аст, ки мактабиёни мо дар бинои зебову замонавии 360 нафарӣ таҳсил намоянд».

Аммо аз он «рӯзҳои наздик» 8 моҳ сипарӣ шуд. Мактаббачагон дар 13 хонадони аҳли маҳалла мондагоранд. Муаллимон бошанд, ҳатто имкони дар журнали синф қайд карданро надоранд.

— Дар сармои зимистон мо муаллимон дар кӯча рост истода, сар шудани дарсро мунтазир мешудем. Ин печеро, ки мебинед, мо бо пули худамон харида, ба синф гузоштем— иброз дошт боз як ҳамсӯҳбати мо, муаллими физика, мудири қисми таълими мактаб, Норқобил Бобаков.

— Дар натиҷаи шароити бади зиндагӣ аз қишлоқ соли 2001 қариб бист оила ба вилоятҳои Ҷиззаху Навоӣ кӯч бастанд. Дар қишлоқ (6 маҳалла) фақат ду нуқтаи оби ошомиданӣ ҳаст. Вақти гармо умуман об намеояд. Чароғи электрикӣ бошад, дар як шабонарӯз танҳо ду соат дар мегирад. Маоши муаллимон ҳар гоҳ зиёд мешавад, лекин маоши мо дигар намешавад. Аз газетаҳо мехонем, ки хатмкунандагони мактабҳои ҷумҳурӣ дар Амрико, Олмон ва ё



дигар мамолики дунё таҳсил мегиранд. Мо ҳам тарбияи чунин шогирдонро орзу мекунем. Лекин чунин имкон надорем. Баъди хатми мактаби миёна бачагони мо ба куҷо рафтанашонро намедонанд — таъкид намуд муовини директор Боймурод Абдуллоев.

— Ватанамон ба олам рӯй овардааст. Аз ҷаҳоннамо мебинем чи қадар деҳу маҳаллаҳо қиёфаи худро дигар карда, рӯ ба тараққиёт ниҳодаанд. Қубури газ ҳамагӣ 13 км дуртар аз мо мегузарад. Аммо мо аз истифодаи газ маҳрумем,— мегӯяд муаллимаи таълими меҳнат ва нақшакашӣ Султоной Тошева.

— Бисёр мехоҳем бачаҳои мактаби мо ҳам дар мусобиқаҳои варзиш, ки дар миқёси ноҳияву вилоят мегузаранд, иштирок кунанд. Лекин имкон нест — на хонаи варзиш ҳасту на анҷомҳои он — мегӯяд муаллими тарбияи ҷисмонии мактаб.

Фаррошони мактаб Рӯзигул Махсумова, Манзура Эрдонова, Қурбоной Буҷулова ва Ҷумъаназар Пиримов ҳам дар бораи сари вақт дастрас нашудани маошашон гила намуданд.

Мо бо баъзе падару модарон— муллифони мактуби шикоятӣ низ вохӯрдем. Онҳо низ набудани китобҳои дарсӣ, мувофиқи стандарти таълим нагузаштани дарсҳо, беҳуда гузаштани вақти бачаҳо фикри худро изҳор намуданд. Яке аз онҳо раиси иттифоқи хоҷагии деҳқону фермерҳои ноҳияи Деҳқонобод Шамсиддин Қорҷонов мебошад.

— Дар мактаби мазкур чор фарзандам таҳсил мегирад. Мехоҳем, ки онҳо мувофиқи технологияи нав бо компутерҳо, бо забони модарӣ соҳибилм шаванд. Аммо сад дареғ, ки 8 - 9 моҳ боз вақти онҳо беҳуда сипарӣ мешаваду ҳатто барои хондан китобҳои дарсӣ нест, — гуфт ӯ.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки моҳи феврали соли ҷорӣ аз тарафи шӯъбаи маорифи халқи ноҳия 108 дона китоби дарсии тоҷикӣ ба фарзандони оилаҳои камбисот тақсим карда шудааст. Оиди муаммоҳои мактаби номбурда ба шӯъбаи маорифи халқи вилояти Қашқадарё муроҷиат намудем. Ҳамон рӯз мудир сари кор набудааст, бо муовинҳои ӯ Ҷомурод Ҷиловов ва Ӯрол Ашӯров вохӯрдем:

Бархурди Ҷомурод Ҷиловов ба масъалаҳои мазкур чунин буд:

— Дарҳақиқат, дар мактабҳои тоҷикӣ муаммои китобҳои дарсӣ вуҷуд дорад. Онҳо ҳамагӣ 58 фоиз бо китобҳои дарсии таълимӣ таъмин гардиданд. Ба фикри ман, имсол боз душвортар мешавад. Мувофиқи қарори 154 - уми Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, ки он 6 майи соли 2002 имзо гардидаасту дар бораи ба савдои озод набаровардани китобҳои дарсию асбобҳои аёнист, савдои китобҳо фақат дар дӯконҳои китобфурӯшӣ ба амал бароварда мешавад. Ононе, ки дар деҳаҳои дурдасти кӯҳистон зиндагӣ мекунанд, бояд барои хариди китобҳо ва анҷомҳои дарсӣ ба марказҳои ноҳияҳо ва вилоятҳо раванд. Табиист, ки он ҳам сарфу хароҷоти зиёдатӣ мехоҳад.

Ӯрол Ашуров бошад:

— Ба наздикӣ (16 апрел) ҳокими вилояти Қашқадарё боз ба як қарор имзо намуд. Дар қарор ба анҷом расонидани таъмири иншоотҳои аз зилзила осебдида, аз он ҷумла мактаби номбурда низ зикр шудааст. Ҳоло 149 мактаби вилоят дар ҳамин аҳвол аст ва гурӯҳи кории комиссияи бартараф намудани оқибатҳои дахлдори вилоят бо ин масъала машғуланд. Шояд дар вақтҳои наздик ин муаммо ҳаллу фасли худро ёбад.

Шояд дар соли ободии маҳалла маҳаллаи Оққишлоқ ҳам обод шавад. Шояд мактабиёни Оққишлоқ низ рӯзе дар бинои зебову замонавӣ таҳсил намоянд, ки шоир ҳам хушбиниро маслиҳат додааст.

**Навмед набояд шудан**
**аз гардиши айём.**
**Ҳар шом, ки ояд зи паи**
**он саҳаре ҳаст.**

**Улдон ҚАРАЕВА,**
**мухбири**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Қашқадарё.**

***Дар сурат:*** *ҳолати ҳозираи бинои мактаби рақами 81 ба номи Ҳабиб Юсуфии ноҳияи Деҳқонобод.*

# Пештоз ва эътирофшуда

***Шоири мардумии Ӯзбекистон Хуршед Даврон аз зумраи шоирони пештоз ва эътирофшудаи адабиёти муосири ӯзбек аст. Маҷмӯҳои шеърии ӯ аз қабили «Офтоби қадрдон», «Дарахти себ дар шаҳр», «Боғ дар шабҳангом», «Бо паррандагон мепарам», «Чашмони Тӯмарис», «Садои бачагӣ» ва эссеи «Хаёли Самарқанд» аз ҷониби хонандагон хуш пазируфта шудаанд.***

***Дар зер порае аз достони ӯ «Падаркуш», хонандаи азиз, манзури шумо мегардад.***

## Падаркуш

*Зи қабре, ки ба як кунҷи Самарқанд*
*Бувад воқеъ, мардум рӯй тобад.*
*Дар он Абдуллатиф, гӯянд, мадфун*
*Падаркуш андар он, гӯянд, хобад.*

*Надонам рост ин,*
*ё ки дурӯғ аст*
*Вале он сӯ чу меафтад гузорам*
*Фаро гирад танамро раъша филҳол*
*Бигардад хушк дар як он мадорам.*

*Агар бозанд кӯдакҳо дар он ҷо*
*Дучор оянд бар қаҳри падарҳо.*
*Баҳорон сабза гар рӯяд, зимистон*
*Пур аз зоғу заған пеши назарҳо.*

*Шабон мардум гузар созанд з-он ҷо*
*Зи таҳлука дуо хонанд ҳар бор.*
*Вале ман назди қабре, ки махуф аст*
*Ба як нийят ҳамеоям ба такрор.*

*Муроди ман, азизон, он набуда,*
*Ки бар рӯҳи падаркуш хонам оят*
*Ба ин ҷо, назди қабре, ки ғариб аст*
*Ҳамеорад маро дигар ривоят.*

*...Дишаб дар хоби худ дидам Улуғбек,*
*Ба дасте теғ, бар дасте китобе.*
*«Куҷо фарзандам? Овардам*
*китобаш...»*
*Ҳамепурсид бо сад изтиробе.*

*«Натарс, ӯро насозам қатл ҳаргиз,*
*Хазон асло баҳори худ насозам.*
*Наяндозам даруни кӯраи ғам*
*Беш аз ин қалби пурсӯзу гудозам.*

*Ҳамепурсаш фақат, чун шуд дили ӯ,*
*Ки зад дасти разолат андар ин кор?*
*«Бикуштӣ қиблагоҳам?» —*
*чун бипурсид*
*Вай аз он қотили хунхору мурдор?*

*Бипурс аз ӯ, ҳамедонист оё,*
*Кӣ ранҷонад падар, кай гардад обод?*
*Бино бар гуфти Фирдавсӣ: биафтад,*
*Пас аз шаш моҳ тахти ӯ зи бунёд!*

*Бипурс аз ӯ, ки медонист оё,*
*Ки хоинист кори ҳар падаркуш.*
*Ниҳоят бадтар аз ҳар душмани бад,*
*Чу саг мирад забуну зору беҳуш.*

*Бипурсаш, донад оё, ҷумла номард,*
*Ниҳоле, ки падар парвард, хушконд.*
*Ҷасурон зинда дорад дар ҷасорат,*
*Куҷо тарсуст, дар хеш ӯ фурӯ монд.*

*Бипурсаш, донад оё, маҳз нокас*
*Падар, модар ва фарзандон фурӯшад.*
*Фурӯшад дин, забон, ҳам мардуми худ,*
*На аз пеш, аз қафо ногаҳ хурӯшад.*

*Ҳанӯзам дер не, бигзор донад,*
*Дар ин дунёву он дунё гуноҳаш*
*Агар он нури чашми ман надонанд.*
*Набахшад ҳеҷ кас ҷуз қиблагоҳаш.*

*Бипурсаш... Лек агар надҳад ҷавоб ӯ*
*Зи ғусса ашк аз чашмон наяфшон.*
*Маҳӯр андӯҳ, в-он ҳар як суолам*
*Сари қабрам бидеҳ бар хеш, эй ҷон...*

*...Пас аз он ҷамъ шуду бар қаъри*
*зулмат*
*Даромад. Аз паси ӯ тохтам ман.*

*«Куҷо фарзанди ту?»—қалбам фиғон*
*кард,*
*Ба як ҳоле, ки худ мебохтам ман.*

*Зи қабре, ки ба як кунҷи Самарқанд*
*Бувад воқеъ, мардум рӯй тобад.*
*Дар он Абдуллатиф, гӯянд, мадфун,*
*Падаркуш андар он, гӯянд, хобад.*

*Надонам рост ин ё ки дурӯғ аст,*
*Вале он ҷо чу меафтад гузорам.*
*Фаро гирад танамро раъша филҳол*
*Бигардад хушк дар як дам мадорам.*

*Гуноҳи вай намебахшем имрӯз*
*Ва фардо ҳам намебахшанд ӯро.*
*Фақат фарзанди қотилро тавонад*
*Бубахшояд Улуғбеки дилогоҳ.*

*Тарҷумаи* ***МУҲАММАД ШОДӢ.***

Ҷашнвораи ҳунарҳои мардумӣ

# Идомаи «Баҳори Бойсун»

***Соли гузашта бо ташаббуси ЮНЕСКО ва махсусан таҳти сарпарастии намояндаи он дар ҷумҳурии мо Майкл Барри Лейн ҷашнвораи фестивали «Баҳори Бойсун» бо шукӯҳу ҳашамати зиёд гузашта буд.***

***То 19-уми маи соли равон дар ноҳияи Бойсун ҷашнвораи мазкур барпо мегардад. Паёмнигори мо бо раиси кумитаи ташкилии ҷашнвораи «Баҳори Бойсун», муовини аввали ҳокими ноҳия, шоир ва нависанда Хидир Сувонович ЧОРШАНБЕЕВ мусоҳиб гашт.***



**— Хидир-ака соли гузашта ҷашнвораи «Баҳори Бойсун» хеле бошукӯҳ гузашт ва то кунун дар хотирҳо боқист. Имсол низ он то 19 май баргузор мегардад. Дар хусуси корҳои тайёрӣ чанд сухан мегуфтед?**

— Тайёриро ба ҷашнвораи байналхалқии «Баҳори Бойсун» мо хеле барвақт оғоз карда будем. Азбаски аз кишварҳои зиёди дунё меҳмонон ва дастаҳои фолклори мардумӣ ба ноҳияи мо ташриф оварданд, кӯчаву хиёбон, маҳалли баргузории ҷашнвора, ҷои буду боши меҳмонон ба ифоқа оварда шуд. Мебояд гуфт, ки дар боғи истироҳати «Алпомиш» ҷашнвора мегузарад.

**— Сарпарастии ин ҷашнвораро кадом ташкилот бар зимма гирифтааст?**

— Воқеан дар шароити имрӯза пайдо кардани маблағ кори душвор аст. Ба ин нигоҳ накарда тамоми ташкилоту корхонаҳои ноҳияи Бойсун сарпарастии ин ҷашнро бар зимма гирифтаанд ва ҳадди имкон дар тармими роҳҳо ва дигар корҳо ёрӣ мерасонанд. Дар ин робита ҳокимияти ноҳия ва комиссияи баргузории ҷашнвора чораҳои амалӣ андешиданд.

Барои босамар ва хотирнишин гузарондани ин ҷашнвора се моҳ қабл аз ин қарори Девони Вазирон эълон гардида, ба зиммаи вазоратҳои идораҳои дахлдор вазифаҳои мушаххасро гузошт.

Ногуфта намонад, ки барои гузарондани ҷашнвора махсусан намояндаи ЮНЕСКО дар ҷумҳурии мо ҷаноби Майкл Барри Лейн кӯмаки ҳаматарафа расонд.

Чунон, ки дар боло ишора кардем, дар ин ҷашнвора тамоми ҳунармандони ноҳия ба мисли зардӯзон, косибон, кашидадӯзон ва дигар ҳунармандони халқӣ иштирок доранд ва маҳсули дастони хешро ба маърази намоиш гузоштаанд. Соли гузашта, чуноне ки худатон огоҳ ҳастед, меҳмонон бештар ба маҳсули дасти ҳунармандони халқӣ аҳамияти махсус доданд. Ба ин васила мо имсол ба тамоми ҳунармандон сӯҳбат гузаронида, онҳоро огоҳ сохтем, ки ба ҷашнвора маҳсули асарҳои ҷолиб пешниҳод намоянд ва фурӯши онро низ ташкил кунанд.

**— Хидир Сувонович, ин даъфа дар ҷашнвора кадом дастаи ҳунарии ноҳия иштирок мекунад?**

— Дар ҷашнвора дастаи ҳунарии этнографии «Бойсун» ширкат меварзад. Ин дастаи ҳунарӣ таҳти сарпарастии Холиқ Хурсандов ба ҷашнвора тайёрии пухта диданд. Соли гузашта дастаи номбурда бо ҳунарнамоии худ диққати тамошобинон ва меҳмононро ҷалб намуд. Инчунин дар ҷашнвора як гурӯҳ гӯрӯғлихонон иштирок мекунанд. Боварӣ дорем, ки имсол низ гӯрӯғлисароёни диёри мо ба меҳмонон санъату маҳорати нотакрори хешро намоиш медиҳанд.

**Мусоҳиб**
**Нуралии РАҶАБ,**
**паёмнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

# Мукофотҳо ба мусаввирони ҷавони ӯзбекистонӣ

Ба шарофати истиқлолияти Ӯзбекистон ва диққату эътибори калон ба соҳаи фарҳангу санъат соҳибистеъдодҳои нав ба нав кашф гардида, онҳо дар озмуну ҷашнвораҳои байналхалқӣ иштирок намуда, соҳиби мукофотҳои нав ба нав мегарданд. Ва инро дар мисоли тарбиягирандагони ҷавони муассисаҳои таълимии Фарҳангистони ҳунарҳои зебои Ӯзбекистон, ҳам дидан мумкин аст. Теъдоди мукофотҳое, ки онҳо ба даст меоваранд, сол то сол зиёд мегардад.

Аз гуфти сарвари раёсати равобити байналхалқии Фарҳангистони ҳунарҳои зебои Ӯзбекистон Элмаро Сарко маълум мегардад, ки танҳо дар намоишгоҳи байналхалқии суратҳои бачагонаи ба номи Отатурк дар Туркия 511 асар аз 40 мамлакати ҷаҳон пешкаш гардида, дар байни ғолибони он панҷ нафар ӯзбекистонӣ буд. Аз он ҷумла, Янна Якова дар байни хурдсолон ва Баҳодир Рихсиев дар байни болиғон бо дипломҳои намоишгоҳи мазкур тақдир гардиданд.

Дар озмуни эҷодиёти кушоди чоруми Бннел, ки байни хурдсолон гузаронда шуду дар Харков ба муносибати 380-солагии ин шаҳри қадимаи Украина ба амал омад, тарбиятгари студияи тасвирии «Радуга»-и Тошканд Ирина Лагай ғолиб омада, бо медали хотиравӣ тақдир гардид. Ҳамчунин маҳсули дасти Амрян Анушӣ, Даря Ғоибҷонова, Диана Раҳимҷонова, Сироҷиддин Шамсиддинов, Алла Шарф бо сертификатҳо тақдир гардиданд.

Дар намоишгоҳҳое, ки аз соли 1997— то соли 2002 дар Ҳиндустон ба амал омадаанд, ӯзбекистониён ба чор медали тилло, даҳ медали нуқра ва ҳашт ҷоизаи мухталиф тақдир гардидаанд. Дар байни ғолибон ҷоизадорони «Медали калони Ҷавоҳарлал Неру» ҳам ҳастанд. Ва онҳо дастпарварони мактабҳои санъати тасвирии Тошканд, Андиҷон, Нукус, Шаҳрисабз ва Ҷиззах мебошанд.

Дар озмуни ХУ11 суратҳои бачагонаи Осорхонаи ёдгории ҷаҳони шаҳри Хиросима аз 25 асари ӯзбекистониён ҳафтояш соҳиби ҷоизаҳо гардид. Дар байни онҳо ба ғайр аз дастпарварони шаҳри Тошканд намояндагон аз вилоятҳо ҳам ҳастанд ва касро хурсанд мекунанд, ки теъдоди чунин соҳибистеъдодҳо аз маҳалҳои дурдаст ҳам пайваста зиёд мегарданд.

Дар озмуни сеюми байналхалқии суратҳои бачагона бахшида ба муҳити атроф дар шаҳри Токиои Ҷопон намояндагони беш аз 60 мамлакати ҷаҳон иштирок намуданд. 60 асари мусаввирони ҷавони ӯзбекистонӣ ҳам пешкаш гардида, дутои он ғолиб омад ва аз феҳристи асарҳои беҳтарини бачагона ҷо пайдо намуд.

Хеле бобарор омадани соли гузашта дар бобати ба даст овардани мукофотҳои мухталифи байналхалқӣ ба он дилпурӣ мебахшад, ки соли кунун ва минбаъда низ сафи мукофотгирандагон аз Ӯзбекистон боз ҳам васеъ мегардаду гувоҳӣ медиҳад, ки дар ин сарзамини қадима соҳибистеъдодони нав ба нав ба камол мерасанду анъаноти ниёкони худро бозэътимод давом медиҳанд.

**Сергей САВЧУК-ҚУРБОНОВ.**

# Поезди саломатӣ

Поезди тандурустии «Саломатлик» бо мутахассисони соҳибтаҷрибаву таҷҳизот ва асбобу ускунаи замонавӣ ба вилояти Навоӣ расида омад. Гурӯҳи духтурон иборат аз табибони чашм, ҷарроҳон, терапевтҳо ва табиби соҳаи гулуву гӯшу ковокии гулӯ дар ноҳияҳои Конимеху Учқудуқ ва дигар ноҳияҳо шуданд.

Поезди саломатӣ аз ду гурӯҳи иборат ҳар кадом аз даҳ нафар пизишк ба сокинони деҳаву маҳалҳои дурдаст кӯмаки тиббӣ расонданд. Пизишкон ҳамроҳи худ доруворе ро оварданд, ки ширкатҳои номдори тиббии ҷаҳон ба арзиши беш аз даҳ миллион сӯм пешкаш кардаанд.

Сокинони маҳалҳои дурдасти вилоят аз ташаббускори ин иқдом Вазорати тандурустии ҷумҳурият хеле миннатдор ҳастанд.

**А.НАЗАРОВ.**

Фардо — Рӯзи байналхалқии осорхонаҳо

# Маскани табаррук

Дар кӯчаи Арпапояи Тошканд бинои дуошёнае ҳаст, ки аз ин ҷо қадами одамон, алалхусус ҷавонону мактабхонон канда намешавад. Чунки онҳо ба ин ҷо ба мақсади донистани мазмуни ҳаёт, пасту баландиҳои он, аз он чӣ тавр раҳоӣ ёфтан, садоқатмандии бепоён нисбати ғоя, меҳру муҳаббат ба Ватану халқ меоянд. Зеро дар ин маскан, ки алҳол хона-осорхонаи Ғафур Ғулом ном дорад, инсоне истиқомат кардааст, ки бо ашъори оташини худ аз дили халқ маҳкам ҷойгир шуда, бо инсонпарварӣ, эҷодиёташ аз қалби хурду ҷавон маъво пайдо намудааст. Чунки вай шоири қиёснашаванда мебошад. Намояндаи нодири адабиёти миллӣ буда, бо забони ҳақиқатан халқӣ ва тафаккури ба миллат хос фазилатҳо, маънавиёти амиқ, орзуву омоли халқро тасвир карда тавонистааст. Аз ин рӯ, беҳуда ӯ ин сатрҳоро иншо накардааст: «Ман шоири ӯзбек, забони халқам мебошам». Дар айни замон вақти ҳукмронии салтанати коммунистӣ иншо кардани сатрҳои зерин на ба ҳар кас даст додаасту ҷасорату матонати махсусро тақозо намудааст. «Халқи қадимаи ӯзбек ҳастем, авлоди аслии одамизод мебошем, таърихамон аз эҳромҳои Миср ҳам қадимтаранд». Худ сатрҳои мазкурро, ки ба муқобили он одамоне, ки барои паст задани Ӯзбекистону миллати ӯзбек ҳаракат мекарданд, ӯ иншо кардааст, пеш аз ҳама халқдӯсту миллатпарвар ва дӯстдори ин сарзамини қадима буданаш гувоҳӣ медиҳад: «Авлодони мо вақте ки масъалаҳои мураккаби логарифмиро ҳаллу фасл мекарданд, сирру асрори ситораҳоро аз бар мекарданд, ниёкони бузурги шумоён ҳатто бо ангуштон шумурда наметавонистанд».

Ва ана ҳамин сатрҳои оташин якҷоя бо дигар шеърҳои машҳури он, аз қабили «Ту ятим нестӣ», «Ман яҳудӣ», «Вақт», «Пазмонӣ», асарҳои машҳури «Ёдгор», «Бачаи шум» маҳз дар ҳамин маскан иншо гардидаанд, ки алҳол ба хона-осорхонаи Ғафур Ғулом мубаддал гардидааст. Ва ин маскани тарбия алҳол аз меҳмонхона, эҷодхонаи калон, хонаи истироҳат, эҷодхонаи хурд, хонаи бачагон ва хонаи хоби адиб иборат буда, нигораҳое ҷамъ оварда шудаанд, ки аз хусуси ҳаёт ва фаъолияти академик, шоиру нависанда, Шоири мардумии Ӯзбекистон пурра нақл мекунад. Ба ин ҷо махсусан бачагон бештар омада, ба пояи муҷассамаи шоир гулдастаҳо мегузоранд. Бо таърихи иншои ҳар як шеъру асар, ҳар як мақолаву фелетон ошно мегардfestivalанду бо як олам таассурот бармегарданд. Онҳо баробари ворид гардидан ба ин маскани табаррук пеш аз ҳама суханони пур аз шафқати шоир «Магар ту ятим ҳастӣ...Ором бош, ҷигарбандам!»-ро ба хотир меоваранд. Зеро сатрҳои мазкур ба саросари ҷаҳон саховатқалбӣ, муҳаббати бепоён ва саховатпешагии халқи ӯзбекро намоиш медиҳад, ки ҳазорон-ҳазор нафар сағирон ва бачагони бепарастор мондаи мансуби миллату халқҳои мухталифро дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон ба оғӯши худ гирифта, қӯри дил, меҳри баланди худро бахшида, як бурда нони худро бо онҳо ба ҳам дидааст.

Дар ин ҷо ҳамчунин китобҳои наве, ки бахшида ба ҷашни садсолагии Ғафур Ғулом рӯи чопро дидаанд, гузошта шудаанду маводҳои нодирро дар хусуси нозукиҳои эҷодиёт, қирраҳои кашфнашудаи шоири мардумӣ дар бар гирифтаанд.

Баробари муоина кардани нигораҳои он боз ба як ҳақиқат гувоҳ мегардед: Ғафур Ғулом бо тамоми ҳастӣ сарзамини муқаддаси Ӯзбекистонро дӯст дошта, абадан тақдири худро бо тақдири Ватани хеш пайвастааст. Ин марди мудом дар сар тоқӣ дошта ба ҳаёт рост нигоҳ кардаасту бо соддагиву самимият, дар айни замон бузургиаш фарқ мекунад. Ва сабаби маҳбуби халқ гардидани ӯ ҳам дар ҳамин мебошад. Хона-осорхона умри дубора дида, боз як маротиба аз эҳтирому эъзози бузурги халқ нисбати шоири мардумӣ Ғафур Ғулом гувоҳӣ медиҳад.

**(Паёмнигори худамон).**



# Татбиқи ормонҳои Дюнан

Имсол ба таваллуди Анри Дюнан — бунёдгузори Ҷунбиши байналмилалии Салиби Сурх 175 сол пур шуда бошад, ба фаъолияти ҷунбиши мазкур 140 сол. Ба ин муносибат дар боғи Мирзо Улуғбеки пойтахт маҳфили ҷашнӣ барпо шуд, ки онро Шӯрои миллии Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Ӯзбекистон созмон дод ва дар он ҷамъияти алоқаманди ҷунбиш, хонаҳои шафқати 22, 23, 31 ва мактаб-интернати карҳои № 101 ва ҳамчунин ихтиёриён ширкат намуданд.

Дар ҷаҳон ҳаштуми май чун Рӯзи ҷунбиши мазкур ҳар сол қайд карда мешавад, ки ба он дар тӯли мавҷудияташ ҳамеша ниёз эҳсос мегардид, ки он аз ормонҳои бунёдгузори худ Анри Дюнани шветсарӣ манша мегирад.

**Суратгир А.РӮЗБЕҲ.**



